Забонатро ҳамеша бо зикри Аллоҳ Таъоло тар нигаҳдор

Аз Абдулло ибни Буср (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Марде ба назди Паёмбар(Саллалоҳу алайҳи ва саллам) омад ва гуфт: Эй Расули Худо ба дурустӣ, ки фармудаҳои Ислом бар мо хеле бисёр шудааст, оё ягон амале ҳаст, ки бо анҷом доданаш ҳамаи амалҳоро шомил шавад? Фармуданд: "Забонатро ҳамеша бо зикри Аллоҳ Таъоло тар нигаҳдор". Дар ривояти дигаре аз ҳадиси Муъоз ибни Ҷабал (разияллоҳу анҳу) омадааст: "Охирин чизе, ки ман бо он аз Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҷудо шудам, ин буд ки пурсидам: Кадом амал беҳтарин ва наздиктарин ба Худо аст? Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Он ки дар ҳоле бимирӣ, ки забонат аз зикри Худои Азза ва Ҷалла тар бошад".

[Саҳеҳ] [رواه أحمد والترمذي وابن ماجه وابن حبان]

Марде назди Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шикоят кард, ки ибодатҳои нафлӣ (яъне суннату мустаҳабҳо) бароям бисёр шудаанд ва ба сабаби заъфаш аз иҷрои онҳо оҷиз мондааст. Сипас аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хоҳиш кард, ки амали осонеро ба ӯ нишон диҳад, ки савоби бисёр дошта бошад ва битавонад ба он амал чанг занад ва пойбанд бошад. Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ӯро роҳнамоӣ кард, ки ҳамеша забонаш ба зикри Худованд, дар ҳар вақт ва ҳар ҳолат тар бошад, ба монанди тасбеҳ (субҳоналлоҳ), таҳмид (алҳамдулиллоҳ), истиғфор (астағфируллоҳ), дуо ва дигар зикрҳои ба ин монанд.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/66541